**ШАРТНОМА**
**оид ба ташкили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо**
**воситаҳои электронии пардохтии ҶСК «Бонки Эсхата»**
**(ОФЕРТАИ ОММАВӢ)**

Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Бонки Эсхата” минбаъд “Бонк” номида мешавад аз як тараф ва Шахси ҳуқуқӣ ё Соҳибкорӣ инфиродӣ, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ амал менамояд ва минбаъд **“Ташкилот”** номида мешавад аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ “Тарафҳо” ва дар алоҳидагӣ “Тараф” номида мешаванд, Шартнома оид ба ташкили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо воситаҳои электронии пардохтии ҶСК “Бонки Эсхата” (Офертаи оммавӣ) (минбаъд дар матн Шартнома)-ро бо шарту талаботҳои боби 2-и Шартномаи мазкур, бастанд:

## 1. ИСТИЛОҲОТ ВА МАФҲУМҲО

1.1.Барои мақсад ва пурра фаҳмо шудани Шартномаи мазкур дар поён истилоҳот оварда шудааст, ки чунин мазмун доранд:

- **Ариза-дархост–** дархост оид ба пайваст намудани **POS-терминал/QR-рамз** ва ҳамроҳ шудан ба Шартнома оид ба ташкили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо воситаҳои электронии пардохтии ҶСК “Бонки Эсхата” (Офертаи оммавӣ), ки шакли он аз ҷониби Бонк муқаррар карда шудааст ва аз ҷониби Ташкилот тибқи тартиби муқарраргардида имзо карда шудааст (**Замимаи №1**).
- **БМТ** – Бонки миллии Тоҷикистон.
- **Низоми байналмиллалии пардохт (НБП)**-низоми ташкили ҳисоббаробаркунии байни иштирокчиёни НБП дар давлатҳои гуногун, ки аз стандартҳо ва тартиби ягонаи гузаронидани пардохтҳо бо воситаи Кортҳои пардохтии (VISA International, UPI (Union Pay International), MasterCard International, JCB, Diners Club, American Express ва ғ.) истифода мебаранд.
- **Кортҳои локалӣ (дохилӣ)**- корте, ки танҳо дар доираи шабакаи терминалии Бонк хизматрасонӣ карда мешаванд;
- **Кортҳои миллӣ** - корте, ки дар доираи шабакаи терминалии иштирокчиёни Низоми пардохтии миллии “Корти миллӣ” хизматрасонӣ карда мешаванд;
- **Воситаи электронии пардохтӣ** – восита ва (ё) усуле, ки ба муштарии таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ барои таҳия, тасдиқ ва додани фармоиши пардохтӣ бо мақсади интиқоли маблағ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҳомили электронии иттилоот, аз ҷумла корти пардохтии бонкӣ ва дигар таҷҳизоти техникӣ имкон медиҳад;
- **QR-рамз (Quick Response Code)** – рамзест, ки аз ҷониби Бонк ба Ташкилот барои гузаронидани амалиётҳои ғайринақдӣ бо воситаи бонки мобилии «Эсхата Онлайн» пешниҳод карда мешавад;
- **Корти пардохтии бонкӣ (Корт)** – воситаи пардохтие мебошад, ки тавассути он дорандаи корт бо истифодаи рақами мушаххаскунандаи шахсии худ ва/ё дигар рамзҳое, ки дорандаи корти пардохтии бонкиро муайян менамояд, барои гузаронидани амалиёти аз ҷониби ношир пешбинишуда, ба суратҳисоби бонкӣ дастрасии фосилавӣ дорад;
- **Эсхата Онлайн** – бонкдории мобилӣ, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию техникӣ ва телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, гирифтани иттилоот оиди бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда, ба мизоҷ (дорандаи бонки мобилӣ) дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии ӯ имконият медиҳад;
- **Эквайер** - ташкилоти қарзии молиявие, ки бо эквайринг машғул мебошад;
- **Эквайринг** – фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ оид ба пешниҳоди пули нақд ба дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои шартномавӣ бо муассисаҳои савдо ва хизматрасоние, ки кортҳои пардохтии бонкиро ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ қабул менамоянд;

- **Эмитент-** ташкилоти қарзии молиявие, ки тибқи технология ва қоидаҳои низоми пардохт ба барориши кортҳои пардохтии бонкӣ машғул мебошад;
- **Терминал (ихтисораи pos-терминал мутобиқи амалияи байналмилалӣ)** – таҷҳизоти барномавию техникии электронӣ, ки барои хондани маълумот аз корт, таҳия, интиқол ва қабул намудани маълумот дар бораи амалиёт бо корт ба (аз) низоми пардохтии дахлдор имконият медиҳад;
- **Дафтари электронӣ** -ҳуҷҷат ва ё маҷмӯи ҳуҷҷатҳо дар шакли электронӣ, ки амалиётҳои барои давраи муайян бо Терминал гузаронидашударо дарбар мегирад;
- **Таҷҳизот** – Терминал, Импринтер, телефони мобилӣ ва дигар таҷҳизоте, ки аз ҷониби Бонк ба Ташкилот барои истифодабарии муваққатӣ ва дар доираи Шартномаи мазкур гузаронидани амалиётҳо бо Кортҳои пардохтӣ пешниҳод карда шуда, дар маркази авторизатсионии Бонк ба қайд гирифта шудааст;
- **Авторизатсия** – тартиби тасдиқ намудани ваколатҳои дорандаи корт аз ҷониби эмитент барои гузаронидани амалиёт бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ;
- **Рамзи авторизатсия** – рақами махсуси ягона, ки ба амалиёти бо истифодаи Корт гузаронидашуда, дода шуда Авторизатсияи амалиётии Бонкро тасдиқ мекунад.
- **Баргардонидани воситаи пулӣ** – амалиёт оид ба баргардонидани пурра ё қисми маблағи пардохти мол/хизматрасонии Ташкилот ба суратҳисоби кортии Дорандаи корт, агар бекор кардани амалиёт оид ба пардохти мол/хизматрасонӣ имконнопазир бошад (агар аз ҷониби Ташкилот ба Бонк ҳуҷҷат оид ба амалиёти пардохти мол/хизматрасонӣ барои пардохт пешниҳод шуда бошад).
- **Доранда** – шахси воқеӣ, ки ба номи вай Эмитент корт баровардааст ва ё дорандаи бонки мобилии "Эсхата онлайн";
- **Ҳуҷҷат вобаста ба амалиётҳо бо истифода аз кортҳои пардохтӣ (Ҳуҷҷат)** – ҳуҷҷат (слипи Импринтер, расиди POS-терминал/ККМ, дафтари электронии Терминал), ки асос барои ҳисоббарробаркунии амалиётҳои тавассути корт гузаронидашуда ва тасдиққунандаи иҷроиши он мебошад, ки бо истифода аз Корт дар шакли қоғази ва/ё электронӣ тартиб дода шуда, имзои шахсии Дорандаи корт ё қиёси рақамии имзои ӯ, гузошта мешавад;
- **Импринтер**-таҷҳизоти механикӣ прокатӣ, ки дар Бонк ба қайд гирифта шуда, барои гузаронидани нақши реквизитҳои Корт ба ҳуҷҷат пешбинӣ шуда, дар слипҳо - барандаҳои қоғазӣ тартиб дода шудааст;
- **МНХ (мошинаи назорати-хазинавӣ)** - компютери махсус, ки бо барномаи хазинавӣ ҷиҳозонида шуда, бо дастгоҳи хондани маълумот аз Корт таъмин шудааст ва дар қайди Бонк буда, барои автоматизатсияи амалиётҳои пардохтии Ташкилот, инчунин авторизатсияи электронӣ истифода бурда мешавад;
- **Бекор кардани амалиёти пардохти мол/хизматрасонӣ** - бекор кардани авторизатсияи амалиёт, инчунин ҳуҷҷатҳо вобаста ба ин амалиёт, бо истифода аз Корт ва бонки мобилии «Эсхата Онлайн»;
- **Тарофаи Бонк (Тарофаи амалкунандаи бонк)** – ҷадвале, ки дар он нархи хизматрасонии Бонк қайдшуда, дар сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** ҷойгир карда шудааст.

## 2. ТАРТИБИ БАСТАНИ ШАРТНОМА

2.1. Шартномаи мазкур офертаи оммавӣ ба ҳисоб рафта тавассути сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com**, барномаи низоми фосилавии бонкӣ, дар воҳидҳои сохтории бонк (бо яке аз ин усулҳо), ҷойгир ва пешниҳод карда мешавад. Аксепти шартномаи мазкур аз ҷониби Ташкилот, ин ба Бонк дар шакли қоғазӣ бо имзои шахсӣ ва муҳр пешниҳод намудани шакли аз тарафи Бонк муқарраршудаи Ариза-дархост (**Замимаи №1**), мебошад.

2.2. Бо хоҳиш ва талаби Ташкилот матни Шартномаи мазкур метавонад, ба Ташкилот бо тарзи чопӣ (дар ҳомили қоғазӣ) барои шинос шудан пешниҳод карда шавад.

2.3. Аксепти Шартномаи мазкур наметавонад бо тартиби дигаре анҷом дода шавад, ба ғайр аз талаботҳое, ки Шартномаи мазкур пешбинӣ намудааст.

2.4. Ариза-дархост аз лаҳзаи аз ҷониби Ташкилот бо имзо ва мӯҳр пешниҳод шудан ва аз шахси масъули Бонк қабул намудан ва дар он қайд оиди қабул шудан гузоштан далели баста шудани Шартнома бо Ташкилот ва ҳамроҳ шудани он ба Шартномаи мазкур мебошад. Нусхаи Ариза-дархост бо қайди Бонк ҳангоми зарурият бо хоҳиши Ташкилот ба Ташкилот пешниҳод карда мешавад.

Аксепт намудани Шартномаи мазкур аз ҷониби Ташкилот ин тасдиқи бо шарту талаботҳои Шартномаи мазкур ва Тарофаҳои бонк шинос шудани Ташкилот мебошад. Ташкилот инчунин тасдиқ мекунад ва розӣ аст, ки шарту талаботҳои Шартнома ва Тарофаҳои бонкро риоя менамояд.

## 3. МАТЛАБИ ШАРТНОМА

3.1. Бонк ба Ташкилот хизматрасонии эквайрингиро барои қабул намудани пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз "Эсхата Онлайн" тариқи QR-рамз, Pos-терминал ва Корти пардохтӣ ва дигар воситаи электронии пардохтӣ ба роҳ мемонад. Ташкилот бошад пардохти ҳаққи фурӯши мол/хизматрасониро бо истифода аз воситаи электронии пардохтӣ аз мизоҷонаш қабул менамояд ва ба Бонк барои хизматрасонии эквайрингӣ мутобиқи Тарофаи амалкунандаи Бонк ҳаққи хизматрасониро пардохт мекунад.
3.2. Номгӯи Низомҳои пардохтӣ ва намуди кортҳои пардохтӣ, ки аз ҷониби Ташкилот қабул карда мешаванд дар Тарофаи амалкунандаи Бонк, зикр мегардад.
3.3. Аз ҷониби Ташкилот ба Бонк аз рӯи ҳамаи амалиётҳои тариқи Корти пардохтӣ гузаронидашуда чекҳо пешниҳод карда мешавад. Чекҳо ба таври автоматӣ таҳия карда шуда, бо воситаи барномаи махсус ба эквайер пешниҳод карда мешаванд.

## 4.ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРҲОИ ТАРАФҲО

**4.1. Ташкилот уҳдадор аст:**
4.1.1. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ба амал баровардани фаъолияти қонунӣ вобаста ба матлаби Шартномаи мазкур заруранд, дошта бошад.
4.1.2. Ба Доранда дар муддати рӯзи пурраи кории Ташкилот хизмат расонад. Ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи Корт, бонки мобилии Эсхата Онлайн ва ё дигар воситаи электронии пардохтӣ ҳамчун асос нархҳоеро гирад, ки Ташкилот барои ҳисоббаробаркунии нақдӣ муқаррар кардааст, дигар ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) наситонад ва ё нархро баланд накунад.
4.1.3. Ҳамаи қоидаҳои Бонкро, ки дар Шартномаи мазкур ва «Тартиби кор бо Кортҳои пардохтии байналмиллалӣ» муқаррар шудааст, бе чуну чаро иҷро намояд. Бо Тартиби кор бо Кортҳои пардохтии байналмиллалӣ (минбаъд дар матн Тартибот, **Замимаи №3** ба Шартнома) Ташкилот аз сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** ва ё аз воҳидҳои сохтории Бонк мустақилона шинос шавад.
4.1.4. Таҷҳизоти Бонкро, ки ба Ташкилот барои истифодабарии муваққатӣ пешниҳод шудааст, тибқи Дастур оиди кор бо Таҷҳизот истифода барад. Барои гум кардан, вайрон шудан ва талафи шакли молии (ба истиснои фарсудашавии табиии амортизатсионӣ) Таҷҳизоти Бонк, ки дар ҳудуди Ташкилот таҷҳизонида шудааст, аз рӯзи ба имзо расидани Санади қабулу супориши таҷҳизот (*Замимаи №4 ба Шартномаи мазкур. Замимаи мазкур танҳо дар ҳолати супоридани Пос-терминал ё телефон чоп ва ба имзо расонида мешавад.)* пурра ҷавобгар буда, ҳамаи хароҷотҳои Бонкро вобаста ба таъмир ё ивази таҷҳизот ҷуброн намояд.
4.1.5. Бо талаби Бонк Таҷҳизоти барои истифодабарии муваққатӣ додашуда, маводҳои дастурӣ ва ашёҳои хароҷотии истифоданашударо баргардонад.
4.1.6. Барои пайваст ва истифодабарии Таҷҳизот дар толорҳои савдои Ташкилот ҷойи корие, ки бо қувваи барқии ~220В ва воситаи алоқа (мувофиқи нақшаи бо Бонк мувофиқшуда) ҷиҳозонида шудааст, мустақилона ташкил ва мушоиат намояд. Пайвастшавии Таҷҳизотро (дар вақтҳои зарурӣ) ба МНХ ё ба шабакаи локалии ҳисоббарории Ташкилот, дар асоси нақшаи бо Бонк мувофиқшуда, таъмин намояд.
4.1.7. Шахсони масъулро барои хизматрасонии Дорандагон ва ба расмият даровардани амалиётҳои тавассути воситаи электронии пардохтӣ гузаронидашаванда, баъди огоҳии Бонк тибқи Дархост (Замимаи №5 ба Шартнома. *Замимаи мазкур танҳо дар ҳолати пайдо шудани зарурияти гузаронидани омӯзиш имзо карда мешавад.)* барои гузаронидани омӯзиш вобаста ба масъалаи бехатарии амалиёт, технологияи корӣ ва ба расмиятдароии Ҳуҷҷатҳои дахдлор бо истифодаи воситаи электронии пардохтӣ, таъин намояд.
4.1.8. Барои гузаронидани амалиётҳо тавассути Пос-терминал танҳо кормандонеро, ки тибқи талаботи дар банди 4.1.7. пешбинишуда, омӯзиши мувофиқ гузаштаанд, тибқи Санади гузаронидани омӯзиш, (Замимаи №6 ба Шартнома) роҳ диҳад. Омӯзиш танҳо дар ҳолати амали хизматрасонии Пос-терминал гузаронида шуда Санади гузаронидани омӯзиш имзо карда мешавад. Дар ҳолати насби QR-рамз гузаронидани омӯзиш зарурият надорад.

4.1.9. Дар назди Бонк барои аз ҷониби ҳайати кормандони худ вайрон кардани талаботҳои Шартномаи мазкур, замимаҳои он ва маводҳои дастурии Бонк дар вақти пардохт бо воситаи электронии пардохтӣ ва ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳо, пурра ҷавобгар мебошад.
4.1.10. Дар ҷойҳои намоён Часпонишҳои (стикер, наклейка) Бонк бо логотипи низомҳои пардохтӣ ва дигар маводҳо ва инчунин QR-рамзро дар назди хазина ва бо андозаи муқарраркардаи Бонк ҷойгир намояд, ки ба мизоҷони Ташкилот оиди имконияти пардохти мол ва хизматрасонӣ бо истифода аз воситаи электронии пардохтии Бонк, иттилоъ медиҳад.
4.1.11. Ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки бо амалиётҳои тавассути воситаи электронии пардохтӣ гузаронидашуда (Ҳуҷҷатҳо оиди амалиётҳои гузаронидашуда, ҳисоботҳо, забонхати мизоҷон оиди гирифтани мол/хизматрасонӣ) вобастаанд, на камтар аз 3 (Се) сол аз рӯзи гузаронидани амалиёт нигоҳ дорад ва на дертар аз 5 (Панҷ) рӯзи корӣ баъди пешниҳоди дархост, онҳоро ба намояндаи Бонк супорад.
4.1.12. Дар муҳлати амали Шартномаи мазкур, инчунин дар муддати 1 (як) сол аз рӯзи даст кашидан аз истифодаи хизматрасонии эквайрингӣ ҳамаи маблағҳое, ки дар асоси даъвоҳои низомҳои пардохтии дахлдор ва Эмитент барои амалиётҳои тавассути Корт дар Ташкилот гузаронидаанд ва минбаъд онҳо беэътибор дониста шуда, аз ҳисоби Бонк дошта шудаанд, ба Бонк пардохт намояд. Пардохтҳои муқарраршуда, тибқи талаботҳои Шартномаи мазкур аз ҷониби Ташкилот ба амал бароварда мешавад.
4.1.13. Оиди тағйир ёфтани нишониҳои (реквизитҳои) худ, Бонкро дар муҳлати 1 (як) рӯзи корӣ аз санаи ивазшавӣ ба таври хаттӣ хабардор намояд.
4.1.14. Дар ҳолати ғайриимкон будани хизматрасонӣ ба Дорандагон бо сабабҳои техникӣ, зарурияти гузаронидани таъмини сервисии Таҷҳизот, инчунин оиди ҳама намуди корношоямӣ, дуздӣ ё талафи Таҷҳизот, Бонкро дар муддати 1 (як) рӯзи корӣ бо рақами телефонӣ ва/ё алоқаи факсималие, ки дар дастурҳои Бонк оиди кор бо таҷҳизот дарҷ шудааст, хабардор намояд.
4.1.15. Гирифтани Кортро аз Доранда тибқи талаботи боби 6-и Тартибот ба роҳ монад.
4.1.16. Дар ҳолати тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидани моли харидашуда ба Ташкилот, Ташкилот ҳуқуқ дорад, ки баргардонидани пулҳои Дорандаро талаб кунад. Талаби баргардонидани пулҳо ба воситаи электронии пардохтии (корт, бонки мобилии Эсхата Онлайн ва ғайра) Доранда дар намуди супоришномаи пардохтӣ ба Бонк пешниҳод карда мешавад. Иҷрои супоришномаи пардохтии Ташкилот бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ ва шартномаи суратҳисоби бонкӣ амалӣ мегардад. Бонк барои саривақт пешниҳод накардани супоршномаи пардохтӣ барои баргардонидани пулҳои Доранда масъул намебошад.
4.1.17. Симкорти аз тарафи Бонк барои истифодаи таҷҳизот додашударо ғайримақсаднок (симкортро аз таҷҳизот ҷудо накунад, зангҳо ва паёмҳои содиротиро иҷро накунад), истифода набарад.

**4.2.Ташкилот ҳуқуқ дорад:**

4.2.1.Оид ба гузаронидани амалиётҳо бо воситаи электронии пардохтӣ маслиҳату тавзеҳоти иловагӣ гирад ва таҷҳизоту маводҳои зарурири бо ин мақсад истифода барад.
4.2.2.Дар муҳлати пешбинишудаи Тарофа пардохти маблағи амалиёти хариди мол (пардохти хизматрасонӣ), ки тавассути Корт аз Пос-терминалҳои дар Ташкилот ҷойгиркардашуда ва бо QR-рамз, гузаронида шудааст, талаб намояд.
4.2.3. Танҳо баъди огоҳии хаттии Бонк на дертар аз 1(як) рӯзи корӣ, хизматрасониро ба Доранда боздорад.
4.2.4. Аз таҷҳизот (телефони мобилӣ) ва симкорти худ истифода намояд. *(дар чунин ҳолат замимаи №4 тартиб дода имзо карда намешавад.)*

**4.3. Бонк ухдадор аст:**

4.3.1.Дар ҳудуди нуқтаҳои сервисии-савдои Ташкилот Таҷҳизоти Бонкро бе ҳуқуқи соҳибмулкӣ, бо барасмият даровардани Санадҳои дахлдори қабулу супориши Таҷҳизот (Замимаи №4 Шартнома) ҷойгир намояд ва бо мақсади дар оянда гузаштани тартиби Авторизатсиякунӣ онро дар муҳлати бо Тарафҳо муқарраршуда, дар Низоми пардохтӣ ба қайд гузорад.
4.3.2. Фармоишҳо оид ба пардохти ғайринақдӣ тавассути воситаи электронии пардохтӣ ба ҳисоби Ташкилот аз Дорандагон қабул намояд ва интиқол кунад.
4.3.3.На дертар аз 7 (Ҳафт) рӯзи корӣ, аз санаи гирифтани Дархост оиди гузаронидани омӯзиши кормандони Ташкилот, омӯзиши ҳайати кормандони Ташкилотро гузаронад. Омӯзиш дар ҳудуди Ташкилот ё ҳудуди Бонк гузаронида мешавад. Ба итмомрасии омӯзиши ҳайати кормандони Ташкилот бо имзо шудани Санад оиди гузаронидани омӯзиш (Замимаи №6 ба Шартнома) аз ҷониби Тарафҳо ба расмият дароварда мешавад.

4.3.4. Дар муҳлати амали Шартнома таъмини сервисии Таҷҳизотҳоеро, ки Бонк ҷойгир кардааст, гузаронад.
4.3.5. Агар Таҷҳизот бо сабабҳои техникӣ аз кор баромада бошад ва он аз амали кормандони Ташкилот вобаста набошад, онро аз ҳисоби худ таъмир намояд.
4.3.6. Фармоиши мизоҷ оид ба пардохтҳои ғайринақдии мол/хизматрасониро ба ҳисоби электронии Ташкилот фавран амали карда, оиди иҷро шудани фармоиш ва қабул шудани маблағ ба мизоҷ ва Ташкилот фавран тасдиқнома ирсол намояд.

**4.4.Бонк ҳуқуқ дорад:**

4.4.1.Бо мақсади назорати риоя шудани муқаррароти Шартномаи мазкур ва Замимаҳои он, аз ҷониби ҳайати кормандони Ташкилот, дар семоҳ як маротиба дар ҷойҳои ба фурӯш баровардани мол/хизматрасонии Ташкилот оид ба нигоҳдорӣ ва коршоямии таҷҳизотҳо, нигоҳдории чекҳо (расидҳо) санҷишҳо гузаронад.
4.4.2.Дар ҳолати мушоҳида шудани сатҳи баланди ғалатҳо ва/ё беэътиборшавии амалиётҳои тавассути воситаи электронии пардохтӣ гузаронидашуда, омӯзиши такрории (иловагӣ) ҳайати кормандони Ташкилотро бо ба имзо расонидани Санад, гузаронад.
4.4.3. Аз пардохтҳое, ки ба Ташкилот дода мешавад мабалағи амалиётҳои тибқи банди 7.2. Шартнома беэътибор донисташударо тарҳ кунад ва ё пардохт накунад.
4.4.4. Дар ҳолати пайдо шудани шубҳаи асоснок оиди гузаронидани амалиётҳои қаллобӣ бо воситаи Пос-терминалҳо, ки Бонк дар Ташкилот ҷойгир намудааст ё бо воситаи QR-рамз, ки Бонк ба Ташкилот иҷозати истифода бурданро додааст, кори Пос-терминалҳо ва ё QR-рамзи Ташкилотро муваққатан қатъ намояд ва ҳисоббаробаркуниро аз рӯи амалиётҳо боздорад, бо шарти расман огоҳ намудани Ташкилот на дертар аз 1 (Як) рӯзи корӣ. Бонк танҳо баъди қабули маълумотнома оиди ошкоршудан ва бартараф кардани сабабҳои гузаронидани амалиётҳои қаллобӣ дар шакл ва мазмуне, ки талаботи Бонкро қонеъ мегардонад, Пос-терминал ва ё QR-рамзҳои дар боло овардашудаи Ташкилотро аз муҳосира озод мекунад ва ҳисоббаробаркуниҳоро аз рӯи амалиётҳои тавассути ҳамин воситаи электронии пардохтӣ гузаронидашуда, барқарор менамояд.
Агар муайян гардад, ки Ташкилот ба амалиётҳои қаллобӣ даст дорад, Бонк ҳуқуқ дорад, ки пешниҳоди хизматрасонии эквайрингиро бе пешакӣ огоҳ намудан, қатъ намояд.
4.4.5. Дар ҳолати аз тарафи Ташкилот расонидани зарар ба Бонк, Бонк аз ҳисоби Ташкилот тариқи беаксептӣ ҷуброни зарарро ситонад.

## 5.ТАРТИБИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ТАРАФҲО

5.1.Бонк воситаҳои пулии тариқи воситаҳои электронии пардохтӣ ҷамъшударо ба суратҳисоби Ташкилот, ки дар Ариза-дархост зикр шудааст, бо пули миллӣ-сомонӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тибқи тартиботи муқарраршуда, мегузаронад.
5.2. Муҳлати гузаронидани маблағ ва андозаи ҳаққи хизматрасонии Бонк дар Тарофаи амалкунандаи Бонк, пешбинӣ шудааст.
5.3. Ҳаққи хизматрасонии Бонк дар вақти гузаронидани воситаҳои пулӣ ба Ташкилот аз маблағи пардохтшаванда, дошта мешавад.
5.4.Агар гардиши семоҳаи амалиётҳои тавассути Кортҳои пардохтӣ гузаронидашуда, дар Пос-терминалҳои Ташкилот аз 10000 (Даҳ ҳазор) сомонӣ зиёд набошад, Бонк метавонад Пос-терминалро бозпас гирад.
5.5. Бонк аз пардохтҳое, ки бояд ба Ташкилот гузаронад, маблағҳои зеринро тарҳ мекунад, ё ин ки ҷуброн наменамояд:
-маблағе, ки пештар аз ҷониби Бонк ба Ташкилот саҳван ҷуброн шудааст;
-маблағе, ки пештар аз ҷониби Бонк ба Ташкилот барои амалиётҳои аз Пос-терминали Ташкилот гузаронидашуда, ҷуброн карда шуда, нисбати онҳо аз ҷониби Эмитент тибқи тартиби НБП қонунан эътироз оварда шудааст;
-фарқияти ба миён омадаи маблағ (аз ҷониби Эмитент баҳсшуда) байни маблағи аз суратҳисоби Дорандаи корт барои амалиёти нодуруст гузаронидаи Ташкилот гирифташуда ва маблағе, ки баъди бекор кардани чунин амалиёт бо сабаби иваз шудани қурби асъори суратҳисоби кушодаи Дорандаи корт нисбат ба қурби доллари ИМА ба суратҳисоби Дорандаи корт баргардонида шудааст. Ин маблағ аз ҷониби Бонк бо пули милли-сомонӣ мувофиқи қурби муқарракардаи Бонки милли Тоҷикистон дар рӯзи ҳисоббаробаркунии Бонк бо Ташкилот, дошта мешавад.
5.5.1.Агар дар давоми як моҳи тақвимӣ маблағи умумии аз ҷониби Эмитент радшудаи амалиётҳои бо Пос-терминали Ташкилот гузаронидашуда аз 2,5% (дую аз даҳ панҷ фоиз) аз маблағи умумии амалиёт

ва/ё 100 (сад) амалиёт ва/ё 1% (як фоиз) аз шумораи умумии амалиётҳо зиёд шавад, Ташкилот ба Бонк ҷаримаҳои бо ҳуҷҷат тасдиқшударо, ки нисбати Бонк аз ҷониби Низоми Байналмиллалии Пардохт пешниҳод шудааст, пардохт менамояд.
5.6. Гузаронидани ҳисоббаробаркунии Бонк бо Ташкилот тибқи ҳуҷҷатҳои амалиётӣ вобаста ба амалиётҳои тавассути Корт гузаронидашуда, маънои аз тарафи Бонк эътироф карда шудани (гузаронида шудани) амалиётҳоро дар Ташкилот, надорад. Яъне Бонк метавонад, бо ташаббуси худ амалиётҳои Ташкилотро бо Корт қабул накунад ва амалиётҳои анҷомдодашударо мавриди баҳс қарор диҳад.

## 6. ТАРТИБИ БОНУС (КЭШБЭК)

6.1. Тарафҳо метавонанд иқдоми (аксия) пешниҳоди бонус (кэшбэк)-ро ташкил намоянд. Дар ҷараёни иқдом (аксия) аз ҷониби Ташкилот ё Бонк ба Дорандагон (дорандаи корти пардохтӣ, дорандаи бонки мобилии “Эсхата Онлайн”) аз маблағи умумии ҳаққи мол/хизматрасонии тариқи воситаи электронии пардохтӣ пардохтшуда, бонус (кэшбэк) пешниҳод карда мешавад.
6.2. Оғоз ва итмоми иқдом (аксия), ҳаҷми пешниҳоди фоизи (кэшбэк), тарафи пешниҳодкунандаи фоизи (кэшбэк) ва дигар шартҳо оид ба пешниҳоди бонус (кэшбэк) дар ***замимаи №2***, ки қисми ҷудонашавандаи шартномаи мазкур баҳисоб меравад, қайд карда шуда бо имзои Тарафҳо ба расмият дароварда мешавад.
6.3. Тарафҳо метавонанд оид ба иқдоми (аксияи) пешниҳоди (кэшбэк) тариқи сомонаҳои расмии худ, ё Васоити ахбори омма ё бо дигар роҳу усулҳо, эълонҳо нашр намоянд.

## 7. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲО

7.1. Барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои Шартномаи мазкур, Тарафҳо мутобиқи шартҳои Шартномаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.
7.2. Дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои Шартномаи мазкур аз ҷониби як Тараф, тарафи ҷабрдида ҳуқуқ дорад аз Тарафи айбдор иҷрои уҳдадориҳои ба зиммааш вогузошта, инчунин ҷуброни зарари расонидашударо талаб намояд.
7.3. Зараре, ки ба Ташкилот аз ҷониби ҳайати кормандони Ташкилот дар натиҷаи риоя накардани Тартибот ва дастури Бонк оиди кор бо Таҷҳизот расонида шудааст, бо айби худи Ташкилот ба вуҷудомада ҳисоб шуда, Бонк онро ҷуброн наменамояд. Ташкилот барои ҳаракатҳои ҳайати кормандони худ вобаста ба вайрон кардани муқаррароти Шартнома мазкур ва/ё Замимаҳои он, ки сабаби иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои Ташкилот мешаванд, ҷавобгар мебошад. Ташкилот зарареро, ки дар натиҷаи вайрон шудани Таҷҳизот ба Бонк расонидааст, пурра мутобиқи Замимаи №4, ҷуброн менамояд.
7.4. Бонк барои саривақт нагузаронидани воситаҳои пулие, ки бояд ба Ташкилот гузаронад, дар ҳолатҳои зерин ҷавобгар намебошад:
- аз ҷониби Ташкилот саривақт пешниҳод нашудани Ҳуҷҷатҳо/дафтарҳои электронӣ ба Бонк;
- ба Бонк саривақт хабар надодани Ташкилот оиди иваз шудани нишонаҳои (реквизитҳои) худ;
- аз ҷониби Ташкилот бо вайрон кардани шартҳои Шартномаи мазкур пешниҳод шудани Ҳуҷҷатҳо/дафтарҳои электронӣ;
- Сифати пасти алоқаи мобилӣ (интернет).
7.5. Ташкилот барои ҳамаи амалиётҳое, ки Эмитент онҳоро амалиёти қаллобӣ эътироф кардааст (маблағи чунин амалиёт мумкин аст пардохт карда нашавад, ё аз пардохтҳоиояндаи Ташкилот тарҳ карда шавад, инчунин мумкин аст ба ин маблағ талаботи пардохтӣ ба Ташкилот пешниҳод карда шавад) ҷавобгарии молиявӣ дорад, агар ин амалиётҳо аз ҷониби корманди (хазиначии) Ташкилот, ки тибқи банди 4.3.3. Шартномаи мазкур омӯзиш нагузаштааст, гузаронида шуда бошанд.
7.6. Дар ҳолати барҳамхӯрии яке аз Тарафҳо, уҳдадориҳо вобаста ба Шартномаи мазкур дар ҳаҷми пурра ба ворисӣ ҳуқуқии Тарафи барҳамхӯрдашуда, мегузарад.
7.7. Тарафҳо уҳдадоранд, ки талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бар зидди коррупсияро бе чунну чаро риоя намоянд. Тарафҳо огоҳ ҳастанд ва тасдиқ менамоянд, ки барои содир намудани кордорҳои коррупсиони ҷавобгариҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, граждани ва интизомӣ вуҷуд дорад.
7.8. Ҳар як тарафи шартномаи мазкур кафолат ва тасдиқ менамояд, ки на худи тараф, на роҳбарият ва ё кормандон ва дигар шахсони масъули онҳо бо мақсади бастани шартнома ва амали он, маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, ягон намуди имтиёз ва ё дигар намуди молҳои арзишнок

пешниҳод/талаб/ваъда надодаанд. Тарафҳо дар давоми амали шартномаи мазкур ва баъд аз он ҳам уҳдадоранд чораҳои зарурирро барои содир нашудани кирдорҳои коррупсионӣ андешанд.
7.9. Дар ҳолати аз ҷониби яке аз Тараф вайроншудани талаботи дар боло қайдшуда Тарафи дигар ҳуқуқи яктарафа даст кашидан аз иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи шартномаи мазкурро дорад.

## 8. ҲОЛАТҲОИ ҒАЙРЧАШМДОШТ

8.1. Тарафҳо барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои Шартномаи мазкур аз ҷавобгари озод мебошанд, агар иҷро накардан (иҷрои номатлуб) бо сабаби ҳолатҳои ғайричашмдошт (форс-мажор), ки баъди бастани Шартномаи мазкур ба миён омаданд ва Тараф имконияти андешидани чораҳои пешгирикунандаро надошт, ки мақомоти ваколатдор ва ё мақомоти давлатӣ онро тасдиқ мекунад.
8.2. Ба ҳолатҳои ғайричашмдошт дохил мешаванд: обхезӣ, сӯхтор, заминларза ва дигар ҳодисаҳои табиӣ, инчунин ҷанг, амалиётҳои ҷангӣ, амал ва кирдорҳои мақомоти ҳокимиятӣ ва идоракунӣ, аз ҷумла Бонки миллии Тоҷикистон, қарорҳои мақомотҳои олии давлатӣ ва идоракунӣ, ҳамчунин дигар мақомоти давлатӣ, ки иҷрои шартҳои Шартномаи мазкурро барои Тарафҳо имконнопазир мегардонад.
8.3. Тарафҳо оиди ба миён омадани чунин ҳолатҳо як дигарро ба воситаи почта, қосид ё хабари факсималӣ дар муҳлати як рӯзи корӣ огоҳ намуда, мақсаднок будани идомаи амали Шартномаи мазкурро тасдиқ карда, санаи гузаронидани гуфтушунидҳо вобаста ба минбаъд иҷро намудани уҳдадориҳои ба зимма гирифташударо таъин менамоянд.
8.4. Дар ҳолати мавҷуд набудани огоҳӣ ё саривақт хабар накардан, Тарафҳо аз ҳуқуқи истинод овардан ба ҳолатҳои дар болоовардашуда, ҳамчун асос барои аз ҷавобгари озод шудан, маҳрум мешаванд.

## 9. МАХФИЯТ

9.1. Тарафҳои Шартнома махфияти ҳамаи маълумотҳоро, донишу малакаи дар вақти иҷрои шартҳои Шартномаи мазкур гирифташударо кафолат медиҳанд ва уҳдадор мешаванд, ки Таҷҳизот, маълумот оиди Доранда, рақамҳои суратҳисоб ва амалиётҳои гузаронидашударо бо ҳаргуна мақсад истифода набаранд, ба ғайр аз мақсади асосӣ- гузаронидани амалиёт бо талаби Доранда. Маълумоти мазкур танҳо тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст, ба шахсони сеюм маълум гардад. Дар ин ҳолат, Ташкилот уҳдадор аст, саривақт Бонкро оиди дархости воридшуда барои гирифтани чунин маълумот хабар диҳад ва маълумотро танҳо дар ҳаҷми муқарраршудаи санадҳои меъёрии дахлдор ва ба шахсе, ки дар он нишон дода шудааст пешниҳод намояд, инчунин аз гирандаи чунин маълумот талаб намояд, ки онро ба шахсони дигар паҳн накунад.
9.2. Тарафҳои Шартнома уҳдадоранд ҳамаи маводҳоро нигоҳ доранд, аз ҷумла маълумоти шакли электронӣ, ки дар худ маълумот оиди Дорандагони корт, рақамҳои Корт, дорандагони бонки мобилии "Эсхата Онлайн", рақамҳои телефон ё дигар амалиётҳои гузаронидашударо дорад, инчунин расидҳо оиди гузаронидан ва ё бекор кардани амалиёт, ё ин ки нусхаи онро, дар ҷойҳои ҳифзшаванда ва танҳо ба кормандони рухсатдошта дастрас, нигоҳ доранд ва пеш аз маҳф кардан, онҳоро ғайриқобили хондан кунанд.
9.3.Ташкилот уҳдадор аст, намояндагони Бонкро барои гузаронидани тафтиши Таҷҳизот ва бинои Ташкилот бо мақсади санҷиши амнияти нигоҳдорӣ ва коркардӣ маълумоти воситаи электронии пардохтӣ, расидҳо ва амалиётҳои гузаронидашуда, роҳ диҳад.
9.4. Тарафҳо уҳдадоранд, ки рухсат ба маълумотҳо ва/ё дигар иттилоотҳо, ки барои иҷроиши шартҳои Шартномаи мазкур заруранд, танҳо ба шахсони масъули Тарафҳо, ки бевосита бо иҷроиши Шартномаи мазкур алоқамананданд, диҳанд.

## 10.ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО

10.1. Шартномаи мазкур, замимаҳои шартнома ва Тарофа аз тарафи Бонк тариқи яктарафа тағйир дода мешавад. Таҳрири нави Шартномаи мазкур, замимаҳои шартнома ва Тарофа дар сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** на дертар аз 10 (даҳ) рӯз пеш аз мавриди амал қарор гирифтан ҷойгир карда мешавад. 10.2. Дар сурати норозигии Ташкилот бо тағйиротҳои Шартномаи мазкур, замимаҳои шартнома ва Тарофа, Ташкилот ҳуқуқ дорад то ба қувваи амал даромадани тағйиротҳои нав бо пешниҳоди ариза (дархост, мактуб) дар шакли озод ба Бонк оид ба даст кашидан аз хизматрасонӣ, муроҷиат намояд.

## 11.МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА, ШАРТ ВА ТАРТИБИ ҚАТЪИ ХИЗМАТРАСОНӢ

11.1. Шартномаи мазкур аз санаи аксепт намудан аз тарафи Ташкилот ба қувваи амал медарояд. Мухлати амали шартнома номахдуд аст.

11.2. Бонк ҳуқуқ дорад аз пешниҳоди хизматрасонии эквайрингӣ ба Ташкилот бе шарҳи ягон сабаб даст кашад. Оид ба даст кашидан аз пешниҳоди хизматрасонӣ Бонк ба Ташкилот огоҳиномаро 10 рӯз пеш аз қатъ намудани хизматрасонӣ ирсол менамояд.

11.3. Ташкилот ҳуқуқ дорад аз истифодаи хизматрасонии эквайрингӣ даст кашад ва оид ба даст кашидан истифодаи хизматрасонӣ Бонкро 10 (даҳ) рӯз пеш огоҳ намояд.

11.4. Тарафҳо огоҳиномаҳо ва дигар мукотиботро дар доираи Шартномаи мазкур дар шакли чопӣ ба воситаи қосид (курьер) ё хадамоти алоқа ва ё дар шакли электронӣ тариқи почтаи электронӣ, ки дар Ариза-дархост (Замимаи №1) зикр карда шудааст, ирсол менамоянд.

11.5. Дар ҳолати қатъ намудани хизматрасонӣ ва даст кашидан аз истифодаи он Тарафҳо бояд, дар муддати 1 (як) моҳ аз санаи қатъшавӣ ҳамаи ҳисоббаробаркуниҳоро пурра амалӣ намоянд. Ҳангоми мавҷуд будани даъвои НПБ оид ба пардохт накардани ҳуҷҷати пешниҳодшудаи Ташкилот аз ҷониби Эмитент, давраи ба танзим даровардани ҳисоббаробаркунӣ дар муҳлати муқарраршуда, маҳдуд карда намешавад.

11.6. Бонк инчунин ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ дар ҳолатҳои зерин хизматрасониро қатъ кунад, агар:

-дар муҳлати 3 (се) моҳи аввали тақвимӣ аз рӯзи ҷойгиркунии Таҷҳизоти Бонк дар Ташкилот ягон амалиёт тавассути воситаи электронии пардохтӣ гузаронида нашудааст;

-гардиши семоҳаи амалиётҳои тавассути Корт гузаронидашуда, дар Пос-терминали Ташкилот аз 10 000 (Даҳ ҳазор) сомонӣ кам бошад;

-сатҳи амалиётҳои қаллобии муқарраркардаи НПБ дар Пос-терминалҳои Ташкилот зиёд шуда бошад.

- дар ҳолати аз тарафи Ташкилот истифода накардани (таъмин накардан бо пайвастшавӣ ба қувваи барқ, дар ҷои пинҳони нигоҳ доштан) Пос-терминал ё QR-рамз.

11.7. Ҳангоми аз хизматрасони даст кашидан Ташкилот уҳдадор аст, ки ба Бонк нусхаҳои ҳуҷҷатҳоро вобаста ба амалиётҳои тавассути Корт гузаронидашуда, барои 180 (Як саду ҳаштод) рӯзи кории охирон, аз санаи охирон амалиёти пардохти тавассути Корт гузаронидашуда, пешниҳод намояд.

11.8.Ҳангоми аз хизматрасони даст кашидан Ташкилот уҳдадор аст, ҳамаи Таҷҳизотҳои ба истифодадодашуда, барномаи таъминӣ дар ҳолати коршоям ва ҳуҷҷатҳои техникиро дар муҳлати на дертар аз 5 (Панҷ) рӯзи корӣ, аз санаи қабули огоҳии яке аз тарафҳо оиди қатъи хизматрасонӣ, ба Бонк баргардонад. Воқеияти баргардонидани Таҷҳизот, бо ба имзо расии Санади қабулу супориши Таҷҳизот (Замимаи №4 ба Шартнома) тасдиқ карда мешавад.

11.9. Аз пешниҳоди хизматрасонии эквайрингӣ даст кашидан/аз истифодаи хизматрасонӣ даст кашидан ин қатъ шудани амали Шартномаи мазкур ба ҳисоб меравад. Қатъи Шартномаи мазкур Тарафҳоро барои вайрон кардани уҳдадориҳои ба зимма дошта, аз ҷавобгарӣ озод намекунад.

## 12.ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

12.1. Тарафҳо ба созиш омадаанд, ки ҳамаи баҳсҳои дар рафти иҷрои Шартномаи мазкур ба миёномада тавассути музокирот ҳаллу фасл карда мешаванд.

12.2. Агар ихтилофи ба миёномада, тавассути музокирот ҳал карда нашавад, баҳси Тарафҳо дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.

12.3. Дар ҳолати аз ҷониби кормандони Бонк, саривақт иҷро накардан, дағалона рафтор намудан ва дигар кирдорҳое, ки ба пастшавии сифати хизматрасонӣ ва поймолкунии ҳуқуқҳои Мизоҷ оварда мерасонад, Мизоҷ метавонад тариқи рақами **808** ва ё почтаи электронии **shikoyat@eskhata.tj** ба Бонк муроҷиат намояд.

## 13.ШАРТҲОИ ДИГАР

13.1. Бонк фаъолияти худро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон ва Тартиботи НПБ ба роҳ мемонад.

13.2. Ягон аз Тарафҳои Шартномаи мазкур ҳуқуқ надорад, ки ҳуқуқ ва уҳдадории худро, ки аз Шартномаи мазкур бармеоянд ба шахсони сеюм, ки Тарафи Шартномаи мазкур намебошад, бе иҷозати хаттии Тарафи дигари Шартнома, диҳад.

13.3. Тарафҳо созиш карданд, ки сарчашмаи ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои Тарафҳо дар доираи Шартнома, Шартномаи мазкур бо Замимаҳояш, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

13.4. Қабули санадҳои меъёрӣ, ки иҷрои баъзе шартҳои Шартномаро имконнопазир мекунад, барои аз ҷониби Тарафҳо иҷро карда шудани уҳдадориҳои боқимондаи шартҳои Шартнома, таъсир расонида наметавонад. Дар ҳолати ба миён омадани ихтилофи баъзе аз муқарраротҳои Шартнома ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонк ба бандҳои дахлдори Шартнома, тағйиру иловаҳои заруриро ворид мекунад.
13.5. Барои Ташкилотҳое, ки бо Бонк пеш аз амали Шартномаи мазкур Шартнома оиди ташкили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо воситаҳои электронии пардохтии ҶСК «Бонки Эсхата» ё дигар намуди Шартномаи хизматрасонии эквайрингӣ бастаанду тибқи ин шартномаҳо Бонк хизматрасонии эквайрингиро амалӣ намуда истодааст, Шартномаи мазкур (офертаи оммавӣ) ҳамчун Таҳрири нави **Шартномаҳои амалкунанда** ба шумор меравад, ба шарте, ки агар Ташкилот ба Бонк шакли муқарраршудаи ариза-дархостро (Замимаи №1/1) пешниҳод намояд.
13.6. Ба Шартномаи мазкур Замимаҳои зерин, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур мебошанд, дар ҳолати зарурият замима мегарданд:

Замимаи № 1: Ариза-дархост оид ба пайваст намудани POS-терминал/QR-рамз ва ҳамроҳ шудан ба Шартнома оиди ташкили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо воситаҳои электронии пардохтии ҶСК “Бонки Эсхата” (Офертаи оммавӣ);

Замимаи №1/1: Ариза-дархост оид ба пайваст намудани POS-терминал/QR-рамз ва ҳамроҳ шудан ба Шартнома оиди ташкили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо воситаҳои электронии пардохтии ҶСК “Бонки Эсхата” (Офертаи оммавӣ) барои мизоҷони амалкунанда.

Замимаи № 2: Пешниҳоди бонус (кэшбэк);

Замимаи № 3: Тартиби кор бо Кортҳои пардохти байналмиллалӣ;

Замимаи № 4: Санади қабулу супориши Таҷҳизот;

Замимаи № 5: Дархост оиди гузаронидани омӯзиш;

Замимаи № 6: Санади гузаронидани омӯзиш.

Бо бастани Шартномаи мазкур Тарафҳо тасдиқ менамоянд, ки бо шартҳои шартномаи мазкур ва замимаҳои он шинос шуданд, ягон хел эрод ва иловагӣ надоранд. Замимаҳои Шартномаи мазкур танҳо дар ҳолати зарурият чоп ва имзо карда мешавад.

## 14. НИШОНӢ ВА МУШАХАССОТИ ТАРАФҲО

### 14.1. БОНК

**Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата»**

Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ

аз 20-уми майи соли 2010. Мухлати амали иҷозатнома - бемуҳлат.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 135

Хадамоти маълумотӣ (Маркази тамос): +992 44 6000600, рақами кӯтоҳи **808**

Суратҳисоби муросилотӣ: 20402972457071

РЯМ:5110001371

РМА: 510004229

БИК: 350501707

СВИФТ: EJSATJ22

**Email: info2@eskhata.tj**

### 14.2. ТАШКИЛОТ

Нишони ва мушаххасоти ташкилот дар Ариза-дархост зикр карда шудааст.